# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсия ва автореферати унвончӯ Сафарова Заррина Раҷабовна дар мавзӯи «Проблемаҳои психологӣ дар системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 19.00.05. Психологияи иҷтимоӣ.**

Мусаллам аст, ки мавзӯи оила ва мавқеи он дар тарбияи фарзанд ҳамеша диққати ашхоси соҳибфикрро ба худ ҷалб менамуд. Оиларо таҳкурсии асосии рушду нумӯи кӯдак меҳисобанд. Агар ин навниҳод бо «хоку обу ҳавои мусоид» таъмин бошад, самараи нек ба бор меорад. Фазои мусоиди маънавӣ, фарҳангӣ, равонӣ, ақлониву ҷисмонӣ маҳз дар заминаи ибтидоии ташаккулёбии шахсияти кӯдак дар оила муяссар мегардад. Бинобарин, диссертатсияи Сафарова Заррина Раҷабовна бо унвони «Проблемаҳои психологӣ дар системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра» таҳқиқоти мубрами ҷомеа маҳсуб меёбад.

Диссертант таъкид мекунад, ки дар фарқият аз дигар мавҷудоти олам, фарзанди инсон аз рӯзи таваллуд аз маҳорати таъмин кардани ҳаёти мустақилонаи худ бархурдор нест. Агар кӯдак аз имкониятҳои робитаи фаъолона бо атрофиён ва муҳити созгору мусоид маҳрум бошад, ба таври солим инкишоф ёфта наметавонад, минбаъд дар истифода бурдани дастовардҳои фарҳангии калонсолон оҷизӣ мекашад.

Ҳадафи диссертатсияи мазкурро таҳқиқ ва таҳлили проблемаҳои психологӣ дар системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра дар шароити Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

Навгонии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал масъалаи оилаҳои нопурра ва проблемаҳои психологӣ дар муносибатҳои кӯдакони синни томактабӣ дар илми психологияи иҷтимоии Тоҷикистон ҳамчун падидаи иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Хусусан, кӯшишҳои аввалини мутобиқ намудани тестҳои психологӣ бо дарназардошти талаюоти психометрикӣ ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудаанд. Инчунин дар заминаи истифодаи маҷмӯи методҳои ташхисӣ проблемаҳои психологӣ дар системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра муайян карда шудаанд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастовардашуда, хулосаю тавсияҳои рисола ҳангоми коркарди барномаҳо барои волидон ва машварати оилавӣ метавон ҳамчун асос

истифода бурда шавад. Натиҷаҳои диссертатсияро инчунин, дар донишгоҳу донишкадаҳо зимни дарсҳои назариявию амалии фанҳои Психологияи иҷтимоӣ, Психологияи муносибатҳои оилавӣ, Психологияи омӯзгорӣ, Психологияи синнусолӣ метавон истифода намуд. Маводи диссертатсия ба пажуҳишгарону тадқиқотчиён ва олимоне, ки соҳаи мухталифи илмҳои психологӣ- педагогиро мавриди таҳқиқ қарор доданианд, ҳамчн роҳнамо хизмат карда метавонад. Маҳз оила тавассути ягонагии талаботҳои психофизиологӣ, эмотсионалӣ, маънавию психологӣ барои икишоф ва шаклгирии шахсияти кӯдак мусоидат менамояд, вале дар муҳит оилаҳои нопурра ин низом коставу номукаммал мегардад.Аз ин рӯ, муайян намудани проблемаҳои психологии инкишофи кӯдакони синни томактабӣ дар муҳити оилаи нопурра ва мушкилоти фароҳам овардани шароит барои инкишофи психикӣ ва шаклгирии шахсияти ин кӯдакон воқеан масъалаи мубрами соҳаи психологияи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Сафарова Заррина Раҷабовна дар илми психологияи иҷтимоӣ аз нигоҳи интихоби мавзӯъ ва усули муносибат ба он пажуҳиши навро пешниҳод менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст.

Боби аввали диссертатсия **«Асосҳои илмӣ – назариявии омӯзиши проблемаҳои психологии системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра»** аз се зерфасл иборат буда, проблемаҳои психологии системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабӣ дар оилаҳои нопурра мавриди таҳлили назариявӣ қарор гирифтааст. Дар ин боб оид ба накши оила дар инкишофи психикии шахсияти кӯдак; хусусиятҳои инкишофи психикӣ ва шаклширии шахсияти кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра ва таъсири он ба инкишофи психикии кӯдакони синни томактабӣ таҳлилу таҳқиқ меёбанд.

Муаллифи диссертатсия сабабҳои вайроншавии системаи муносибатҳои оилавӣ, буҳрони муносибатҳо ва пошхӯрии оиларо, ки минбаъд барои тарбия ва инкишоф додани шахсияти кӯдак монеа эҷод менамоянд, бо овардани далелу санадҳои воқеӣ масъалагузорӣ намудааст. Ӯ ба ҷанбаҳои этнопсихологии муносибат бо завҷае, ки аз никоҳи аввал бо худ писар овардааст, диққати махсус намудааст. Бо овардани таҳлилҳо, махсусияти муносибатҳои кӯдакро бо шахсони дигар (бобою бибӣ, мураббияҳо) нишон дода, сабабҳои дар фарзандон ташаккул ёфтани ҳисси танҳои ва радшавиро муайян менамояд.

Диссертант хеле нозукона қайд менамояд, ки ҳарчанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои оилавӣ аз нигоҳи ҳуқуқӣ бо санадҳои меъёрӣ танзим шуда бошанд ҳам, аммо танзими психологии онҳо муносибати махсусро талаб мекунад, зеро бо санадҳо, ҷанбаҳои психологии ин масъаро танзим намудан ғайри имкон аст. Дар диссертатсия оид ба масъалаи зикршуда самтҳои гуногуни тадқиқотҳои муҳақиқони ватаниву берунмарзӣ оид ба моҳият ва хусусиятҳои психологии оилаи нопурра, инкишофи психикӣ ва шаклгирии шахсияти кӯдакони синни томактабӣ, таъсироти вайроншавии оила ба инкишофи психикӣ ва шаклгирии шахсияти кӯдакон, мушкилоти тарбияи кӯдакон дар оилаҳои нопурра муфассал таҳлил гардидаанд. Дар чорчӯбаи имконоти методологӣ проблемаи психологии системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабӣ аз оилаҳои нопурра дар шароити Тоҷикистон таҳқиқ шудааст.

Диссертант исрор қайд намудааст, ки суръатёбии раванди ҷаҳонишавӣ талаб менамояд, ки арзишҳои асосии маданияти миллии оиладорӣ ҳимоя карда шаванд. Тағйирёбии моҳияти аслии андешаҳо ва фарҳанги оиладорӣ ба камарзишии оила, косташавии нақши оила дар тарбияи насли наврас ва ташаккули шахсияти онҳо оварда мерасонад. Дар баробари ин дар тадқиқоти мазкур нуктасанҷона масъалаҳои марбут ба қолабҳои гендерӣ ва таъсири он ба шаклгирии хислатҳои мардона ва занона, таъсирии манфии қолабҳои гендерӣ ба ташаккули қобилият ва лаёқатмандии кӯдакон аз нигоҳи оилаҳои нопурра мавриди таҳлил қарор ёфтаанд. Дар хулосаи боби 1 диссертант инчунин, оид ба муносибати ҷомеаи муосир аз нигоҳи хурофоту таасуб ба занҳои талоқшуда ва бо кӯдакони хурдсол танҳомонда иброзӣ ақида намудааст. Бад шудани ҳолати эмотсионалии модар- саробони оила ба мушкилоти дигари психологӣ дар рушду инкишофи шахсияти кӯдакон меоварад. Шаклгирӣ ва инкишофи муносибатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони оилаҳои нопурра ба мушкилӣ мувоҷеҳ аст.

Боби дувуми диссертатсия « Тадқиқи эмперикии проблемаҳои психологии системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра» номгузорӣ шудааст. Дар се фасли ин боб масъалаи тавсифи методҳои тадқиқотӣ ва гурӯҳчинӣ дар раванди кори тадқиқотӣ;, тадқиқи хусусияти психологии муносибатҳои байниҳамдигарии кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра ва пурраи тоҷик; алоқамандии байниҳамдигарии нишондиҳандаҳои проблемаҳои психологии системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра ва пурра мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Тавассути методҳои тадқиқотӣ:

пурсишнома, суҳбати психологӣ, худбаҳодиҳии эмотсионлӣ, худбаҳодиҳии шахсӣ,тести проективии «Чеҳраи мувофиқро интихоб намо», Методикаи Расми кинетикии оила ва методикаи «Дарки хусусиятҳои муносибатиҳои байниҳамии кӯдакон»масъалаи инкишофи психикӣ ва шаклгирии шахсияти кӯдакони синни томактабӣ дар оилаҳои нопурра ва пурра ташхис карда шудааст.

Муаллифи диссертатсия аз таҳқиқи эмперикии мавзӯъ, чунин натиҷагирӣ менамояд, ки дар муқоиса бо кӯдакони синни томактабии оилаҳои пурра дар кӯдакони оилаҳои нопурра дараҷаи худбаҳодиҳии эмотсионалӣ ва изтиробнокӣ баландтар аст, ки ин зуҳурот метавонад ба иҷтимоишавӣ ва барқароркунии муносибати созгор бо ҳамсолон таъсири манфӣ расонад.

Чаро диссертант дар таҳлили оилаҳои пошхӯрда махз муносибатҳои психологии кӯдакони синни томактабиро мавриди таҳлил қарор додааст? Синни томактабӣ барои инкишофи шахсияти кӯдак зинаи муҳим ва мувофиқ мебошад, зеро ҳисси худшиносӣ ва ташаккули худбаҳодиҳии шахсӣ дар ин давра ба таври равшан сурат мегирад. Диссертант исбот менамояд, ки дар шароити Тоҷикистон оилаҳои нопурраро «оилаҳои модарӣ» меноманд, зеро аксаран пас аз рошхӯрии оила кӯдак бо модар мемонад. Дар тадқиқот дар баробари таҳлил гирифтани таъсироти психологӣ ба инкишофи шахсияти фарзандон, инчунин, мушкилоти гендерӣ – тағйирёбии муносибатҳои кӯдак бо падар ва модар, тағйирёбии мавқеи иҷтимоии зану мард дар оила ва таъсири он дар шаклгирии айнияти ҷинсии кӯдак мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Дараҷаи худбаҳодиҳӣ ва ҳолати изтиробнокии кӯдакони оилаҳои нопурра ба иҷтимоишавӣ ва барқароркунии муносибатҳои созгор бо ҳамсолон ва муҳити иҳотакунанда таъсири манфӣ мерасонад. Диссертант яке аз роҳҳои ҳалли ин мушкилотро дар истифода намудан аз хусусиятҳои этнопсихологии мардуми тоҷик, аз қабили дастгирӣ ёфтани мода рва фарзандони ӯ аз ҷониби бобою бибӣ, хешу ақрабони наздик, ки кӯдак бо онҳо зиндагӣ мекунад, номбар кардааст.

Дар қисмати хулосаи диссертатсияи мазкур мазмуну муҳтавои он ба тариқи фишурда дар бандҳои ҷудогона натиҷагирӣ карда шуда, вобаста ба масъалаҳои мубрами таҳқиқот назари муҳақиқ оварда шудааст.

Авторефкрат ва маводи интишории диссертант вобаста ба мавзӯи таҳқиқ мазмун ва мундариҷаи диссертатсияро ба пуррагӣ ифода мекунад.

Дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар расид, ки онҳоро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:

1. Фасли аввали боби аввали диссертатсия ба масъалаҳои назариявии психологияи иҷтимоӣ бахшида шудааст, ки дурус ва мантиқӣ мебошад, вале барои таҳлили муқоисавӣ овардани осори муҳаққиқони соҳаи педагогикаи хориҷӣ ба таълиму тарбияи фарзандон дар оилаҳои нопурра аз аҳамият дур нест ( гарчанде, ки якчанд педагогҳои ватанӣ ба таври умум номбар карда шудаанд);
2. Хуб мешуд, ки муҳаққиқ ба масъалаҳои этнопсихологияи миллӣ дар муҳити оилаҳои нопурра бештар диққат медод;
3. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ба назар мерасанд.

Бо вуҷуди он, эродҳои зикршуда арзишмандии илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва характери тавсиявӣ доранд. Аз ин рӯ, диссертатсияи Сафарова Заррина Раҷабовна таҳти унвони «**Проблемаҳои психологӣ дар системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра**» ба талаботи низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ (Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ шудааст) пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 19.00.05. Психологияи иҷтимоӣ мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, корманди
Муассисаи давлатии « Маркази рушди
истеъдодҳои назди Сарраёсати маорифи
шаҳри Душанбе» Д.М. Салимова

**Нишони:** 734002,ш. Душанбе,
Кӯч. Турсунзода 27 A. dilbar salimova
@mail.ru **телефон:** (992) 918-82-03-85

Имзои номзади илмҳои педагогӣ,
Д.М.Салимоваро тасдиқ мекунам.
Мудири шӯъбаи кадрҳо ва коргузории
Муассисаи давлатии «Маркази рушди
Истеъдодҳои назди Сарраёсати маорифи
шаҳри Душанбе» М. Неъматуллоев